# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Парвандаи аттестатсионии № ____**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 09.01.2023, № 1**

Барои сазовор донистани Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи "Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ аз рӯзи 17-уми октябри соли 2023 (суратмаҷлиси №14) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025 , ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21) барои дифоъ иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми июни соли 1986 дар ноҳияи Ашт дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Солҳои 2004-2009 дар факултети забонҳои Шарқи МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" таҳсил кардааст ва аз соли 2011 унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии донишгоҳи мазкур мебошад.

Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович солҳои 2009-2018 омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ, солҳои 2018-2019 мутахассиси пешбари Раёсати илм ва инноватсия МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" ва аз соли 2020 то ҳол сармуаллими кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики донишгоҳи мазкур мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филолгияи тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" Ваҳҳобов Толиб.

**Муқарризони расмӣ:**

**Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** - доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ-и “Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ “МИСИС” дар шаҳри Душанбе”.

**Юсупов Абдулло Исмоилович** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Шерализода Адолат Шералӣ – эксперт доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Гадоев Нурхон бо имзову муҳри ректори муассиса доктори илми таърих, профессор Ибодуллозода А.И. пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи “Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)” таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31 ва 33 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат карда, барои дарёфти номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқарраротй бандҳои 67-70 ва 74-75-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона ширкат доранд ва доир ба ин самт мақолаҳои илмӣ таълиф менамоянд. Мазмуну муҳтавои корҳои илмии муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович робита дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ таълиф намуда, ки аз ҷумла 3 мақолаи ӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи назди Комиссияи аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон нашр гардидааст. Боқимонда 7 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмию маводи конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд, ки моҳияти рисоларо фаро мегиранд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссиям олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[1-М]. Ҳусанбоев Н. Оид ба баъзе хусусиятҳои истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонӣ дар «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳомидҷон Зоҳидов [Матн] / Н. Ҳусанбоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019, № 6 (83). – С. 88-91

[2-М]. Ҳусанбоев Н. Нақши калимаҳои арабишудаи тоҷикӣ (муарработ) дар сохтори истилоҳоти тиббии “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим”-и Ҳомид Зоҳидов [Матн] / Н. Ҳусанбоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021, №5 (94). – С. 10-14.

[3-М]. Ҳусанбоев Н. Роҳҳои созмони истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси осори тиббии Ҳомид Зоҳидов) [Матн] / Н. Ҳусанбоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022, № 4(99) 190 – С. 12-17.

**II. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи байналмилалӣ ва ҷумхурияви илмӣ ва маҷмуаҳои мақолоти илмии зер ироа гардидааст:**

[1-М]. Ҳусанбоев Н. Перомуни баъзе масъалаҳои истилоҳоти тиббӣ дар «Канзи шифо» [Текст] / Н. Хусанбоев // Тӯҳфаи аҳбоб.. - Хуҷанд, 2012. - С. 413-417.

[2-М]. Ҳусанбоев Н. Чанд нукта оид ба омӯзиши истилоҳот дар забоншиносӣ [Текст] / Н. Хусанбоев // Навсафари ҷодаи илм. - Хуҷанд: Ношир, 2014. - С. 245-249.

[3-М]. Ҳусанбоев Н. Баъзе хусусиятҳои истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонӣ дар «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳомидҷон Зоҳидов [Текст] / Н. Хусанбоев // Оинадори ҳусни сухан. – Хуҷанд: Вектор Канд, 2015. - С. 230-235.

[4-М]. Ҳусанбоев Н. Чанд нукта оид ба сохтор ва хусусиятҳои истилоҳоти тиббии “Хазинаи тибби қадим» [Текст] / Н. Хусанбоев. Ошёни меҳр. - Хуҷанд: Меъроч, 2016. - С. 185-189.

[5-М]. Ҳусанбоев Н. Истилоҳоти иқтибосии туркӣ (ӯзбекӣ) дар «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳомидҷон Зоҳидов [Текст] / Н. Хусанбоев [Текст] // Н. Ҳусанбоев. Материалы

международной научно-практической конференции « Социально-экономическое и культурное сотрудничество Таджикистана и Узбекистана: история и современный мир» (21-22 июня 2019). – Худжанд: Нури маърифат, 2019. - С. 703-706. - 828 с.

[6-М]. Ҳусанбоев Н. Чанд мулоҳиза доир ба истилоҳоти иқтибосии суриёнӣ дар «Канзи шифо» [Текст] / Н. Хусанбоев. Шамси маърифат. - Хуҷанд, 2018. - С. 216-221.

[7-М]. Ҳусанбоев Н. Тӯрақул Зеҳнӣ ва тозагии забон [Текст] Н. Хусанбоев. Зеҳнинома. – Душанбе, 2022. – С. 147-154.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. Дар тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҷумъахон Алимӣ чунин эродҳо оварда шудаанд:

- Дар автореферати рисола қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №268 тасдиқ шудааст, дуруст истифода нашудааст, масалан дар саҳифаҳои 10, 16, 17,21,24,25 ва ғайра;

- Дар бахши феҳристи адабиёт низ дар тартиби овардани номи муаллиф, номи китоб, муҳаррир, макони нашр, соли нашр, микдори саҳифа якнавохтӣ ба назар намерасад. Ҳамчунин, адабиёт ба тарзи нодуруст оварда шудааст;

- Дар қисмати русии автореферат баъзе ҷумлаҳои таҳрирхоҳ ба назар расид, ки мафҳумро дуруст ифода накардаанд.

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ Ҳомидов Дилмурод мусбат буда, эродҳои зеринро дар бар мегирад:

- Вожаи *дирам* чун воҳиди ченак маънидод шудааст, вале маълум нест, ки он ба шакли холис ба маънои воҳиди вазн аст ё худ дар таркиби калимаи мураккаб ба ин маънӣ истифода шудааст.

- Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои услубӣ (ниг. с. 5, 6), имлоӣ (ниг. с.3, 5) ва китобат (ниг. с. 3, 4, 7) ба назар мерасанд.

3. **Тақризи** аз ҷониби номзади или филология, дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва забонҳои хориҷии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Валиева М.Н. мусбат буда, чунин эродҳо оварда шудааст:

- Баромади этимологии бештари калимоти мавриди таҳлил аз мадди назари муаллиф берун мондааст;

- Бо мақсади мушаххас гардидани мундариҷа бархе фаслҳо ё зерфаслҳоро ҳамҷоя намудан мумкин буд;

Дар фишурдаи рисола ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ мушоҳида мешаванд.

4. Дар тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Майнусов Д. эродҳои зерин оварда шудаанд:

- Дар бисёр мавридҳо диссертант бо овардани мисолҳо аз манбаъҳои илмӣ кифоят намуда, афкори хешро баён накардааст (с. 82, 84, 96, 104);

- Дар бахши феҳристи адабиёт дар тартиби овардани номи осори илмӣ баъзе ғалатҳо мушоҳида гардида, якнавохтӣ ба назар намерасад;

- Дар қисмати русии автореферат баъзе ҷумлаҳои таҳрирталаб ва услубан нодуруст ба назар мерасанд, ки мафҳуму матолибро дуруст ифода накардаанд.

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсони диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор медонанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро муқаррар намудааст:**

1. «Канзи шифо» дар заминаи осори тибби суннатии мардуми тоҷик таълиф гардида, дар баёни матолиби асар муаллиф ба низоми сохтори он асарҳо такя намудааст. Дар қисми муқаддимавии асар, ки аз 16 фасл иборат аст, доир ба муносибати инсон ба ҷирмҳои коинот ва таъсири онҳо ба мизоҷи табиии инсон маълумот медиҳад, ки ин усул дар аксари осори илмии тибби суннатӣ ба назар мерасад.

2. Дар китоби «Канзи шифо», асосан, доир ба 323 номгӯи давоҳо сухан рафта, муаллиф онҳоро ба се даста (давоҳои ҳайвонӣ, давоҳои набroom ва беҷон) гурӯҳбандӣ намуда, дар бораи онҳо

малумот пешниҳод кардааст. Зикр бояд намуд, ки дар китоб номи давоҳо, сохт ва шакли онҳо, мизоҷи давоҳо, тарзи тайёр кардани онҳо ва таъмини онҳо ба бемориҳои гуногун мавриди баррасӣ сурат гирифтааст.

3. Китоби «Хазинаи тибби қадим» дар шакли луғати тафсирии тиббӣ таҳия гардида, мутобиқ ба лексикографияи замони муосир аз рӯйи тартиби алифбои забони тоҷикӣ таълиф гардидааст. Дар он бо баробари овардани истилоҳи тиббӣ дар шакли калима, ибора ва ҷумлаҳо (номи даво, номи бемориҳо, номи воҳидҳои вазн ё ченаку андоза ва ғ.) мансуб будани онҳо ба забони муайян, маънои истилоҳии онҳо дар тиб оварда шудааст. Ҳангоми шарҳи истилоҳоти ифодакунандаи номи бемориҳо дар аксар маврид тарзи табобати онҳо низ оварда шудаанд.

4. Миқдори истилоҳоти «Хазинаи тибби қадим», ки мавриди шарҳ қарор гирифтаанд, дар маҷмуъ 3600 истилоҳ мебошад, ки онҳо вожаҳои сода, сохта ва мураккаби истилоҳӣ, ибораҳои сода ва мураккаби истилоҳиро фаро мегиранд.

5. Истилоҳоти тиббии осори Ҳ. Зоҳидов аз ҷиҳати истифодаи маъно дар ҷанбаҳои мухталифи тиб ба намунаҳои зерин ҷудо мешаванд: а) истилоҳоти ифодакунандаи номи бемориҳо (амроз); б) истилоҳоти ифодакунандаи номи давоҳо (адвия); в) истилоҳоти ифодакунандаи номи кайфияту мизоҷҳо; г) истилоҳоти ифодакунандаи номи аъзои инсон; ғ) истилоҳоти ифодакунандаи номи рутубатҳо ва ахлоти бадани инсон; д) истилоҳоти ифодакунандаи роҳҳои табобат; е) истилоҳоти ифодакунандаи номи мавҷудоти муфтхӯр (паразит) дар аъзои бадани инсон; ё) истилоҳоти ифодакунандаи воҳидҳои ченак ва вазн; ж) истилоҳоти ифодакунандаи номи олот ва зарфҳо барои табобат ва тайёр намудани давоҳо.

6. Истифодаи истилоҳоти тоҷикӣ (аслӣ) дар тибби суннатӣ роҳи ягона набуда, гоҳе чанд истилоҳи аз ҷиҳати баромади забонӣ гуногун барои ифодаи як маъно мустаъмал мебошад. Масалан, барои ифодаи вожаи беморӣ вожаҳои **иллат**, **мараз**, **до**; барои ифодаи дард вожаи **ваҷаъ** ва фаромӯшхотирӣ истилоҳи **нисён** истифода мегарданд.

7. Теъдоди зиёди истилоҳоти «Канзи шифо»-ро калимаҳои оммӣ, ки дар забони адабӣ ва гуфтугӯии муосири тоҷикӣ мустаъмал мебошанд, ташкил медиҳанд. Инчунин, ҳангоми

овардани истилоҳоти иқтибосии душворфаҳм муаллиф шакли маъмули ин истилоҳро бо забони тоҷикӣ ё русӣ дар қавсайн зикр менамояд.

8. Калимаҳои ғайримустаъмал ва таърихӣ, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ ба назар намерасанд, дар таркиби истилоҳоти «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» дучор мешаванд, ки аз ҷониби муаллиф шарҳ дода шудаанд.

9. Калимаҳои аслии забони тоҷикӣ дар таркиби истилоҳоти тибби қадим зиёд истифода шуда, асосан, номи давоҳо, узвҳои бадани инсон, аксаран, бо калимаҳои аслии забони тоҷикӣ ифода ёфтаанд.

10. Истилоҳоти иқтибосии арабӣ дар «Канзи шифо» серистеъмол буда, бештар барои ифодаи номи бемориҳо, ахлоти бадан, кайфияту мизоҷҳо, номи воҳидҳои вазн истифода гаштаанд.

11. Истилоҳоти «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» танҳо аз калимаҳои аслии забони тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосии арабӣ иборат набуда, аз калима ва истилоҳоти иқтибосии забонҳои юнонӣ, туркӣ, ҳиндӣ, сурёнӣ ва русӣ низ истифода бурда шудаанд, ки мавқеи онҳо низ назаррас мебошад.

12. Истилоҳоти ифодакунандаи номи даво дар осори Ҳомид Зоҳидов, асосан, номи рустаниҳо, ҷузъҳои тани ҳайвонот, инсон ва филизоту маъданҳо мебошанд.

13. Дар сохтори истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов мавқеи пешвандҳо ва пасвандҳои калимасози забони тоҷикӣ назаррас буда, вожаҳову истилоҳоти зиёде тавассути вандҳои калимасоз сохта шудаанд.

14. Истифодаи вожаҳои муарраб (калимаҳои арабишуда) дар байни истилоҳоти тибби суннатӣ мақоми хосро касб менамоянд. Онҳо барои ифодаи мафҳумҳои тиббӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

15. Қисми зиёди истилоҳоти тибби суннатиро ибораҳои истилоҳӣ (ибораҳои сода ва мураккаби аз ҷиҳати сохт изофӣ ва ҳамроҳию пешояндӣ) ташкил медиҳанд, ки онҳо бештар барои ифодаи номи бемориҳои мухталиф кор фармуда шудаанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Доир ба мафҳуми истилоҳ, сохтмони дастурии вожагону истилоҳот донишмандони маъруф, ба монанди В. В. Виноградов, Д. Лотте, Н. П. Кузкин, А. А. Реформатский, А. Д. Хаютин, Ж. Лазар, В. С. Расторгуева, И. М. Оранский, Т.

Чавчавадзе, Л. Пейсиков, Ю. А. Рубинчик, Ҷ. И. Эделман, М. Муин, М. Т. Баҳор, М. Шакурӣ, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, М. Қосимова, С. Назарзода, С. Сулаймонов, М. Ҳ. Султон, А. Байзоев, П. Нуров, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, Т. Ваҳҳобов, Т. Шокиров, А. Юсуфов, Ш. Ҳаитова, И. Эшматова ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд, ки заминаҳои методологии рисоларо ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барон дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад.**

1. Маводи рисолаи илмиро чун дастур дар самтҳои филология, тиб ва луғатнигорӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.
2. Натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар гузаронидани машғулиятҳои амалии фанни забони тоҷикӣ, махсусан, дар қисматҳои лексикология, истилоҳшиносӣ, этимология ва монанди инҳо ҳамчун маводи дарсӣ истифода бурдан мумкин аст.
3. Истифодаи маводи диссертатсия дар дарсҳои амалии забони тоҷикӣ барои ихтисосҳои соҳаи тиб чун матни тахассусӣ аҳаммияти хосро касб мекунад.
4. Дар таълифи луғати истилоҳоти соҳаҳои тиб аз маводи рисола ҳамчун сарчашма истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад, шарҳи истилоҳоти диссертатсия бо такя ба фарҳангҳои муътамади ватаниву хориҷӣ баён карда шудаанд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмию назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷадидии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҷдид, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби равишҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** иборат аз он аст, ки дар заминаи баррасии осори таҳқиқотии олимону муҳаққиқони забоншиноси ватаниву хориҷӣ истилоҳоти тиббии осори табиб ва луғатшинос Ҳ. Зоҳидовро ба таҳқиқ кашида, роҳу усулҳои истилоҳшиносии муосирро ба кор бурда, низоми истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-ро аз ҷиҳати маъно, сохтори истилоҳот ва этимология мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ аз 9-уми январи соли 2024 дар бораи ба Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович додани дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи аттестатсионии олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, №307/шд ба ҳайати шуро ворид шудаанд, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор 12 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии Шуроӣ диссертатсионӣ
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У. А.

09.01.2024